**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2026. – 197 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат менамояд.

Дар диссертатсияи Одилова З.О. як зумра масоили ба мавзуъ алоқаманд, аз қабили заминаҳо ва самтҳои асосии робитаҳои адабии Тоҷикистон ва Фаронса, пешинаи таъсири фарҳангу адаби Фаронса ба ҳаёти адабию фарҳангии халқи тоҷик, робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар заминаи пажуҳишҳои адабӣ, таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ бар асоси тарҷума ва таъсирпазирӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқи робитаҳои адабии суханварони тоҷик бо адибони халқу давлатҳои гуногун аз масоили бисёр муҳимми илмҳои адабиётшиносист, ки аз дер боз диққати муҳаққиқонро ба худ машғул доштааст. Махсусан, сар карда аз нимаи дувуми садаи бист таваҷҷуҳ ба ин масъала зиёдтар гардида, донишмандони зиёде пайвандҳои адабии адибони тоҷикро бо суханварони дигар халқу давлатҳо мавриди нақду баррасӣ қарор доданд. Баъди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин иқдом боз ҳам густардаву фарогиртар шуд, аз ҷумла, вобаста ба равобити адабии суханварони Тоҷикистону Фаронса аз ҷониби донишмандони гуногун як зумра корҳои арзишманди илмӣ анҷом пазируфтанд.

Бо вуҷуди ин, дар ин самт бисёр масъалаҳое ҳастанд, ки назари тоза ва андешаҳои ҷиддитареро хостгоранд. Аз ҷумла, масъалае, ки диссертант Одилова З.О. барои нақду баррасии он камар бастааст, аз зумраи ҳамин гуна

мавзуъҳои актуаливу муҳимми адабиётшиносии тоҷик буда, бори нахуст аст, ки дар шакли диссертатсияи мукаммали илмӣ пешниҳод мегардад. Ҳамин ҳолат мубраму зарурӣ будани мавзуи диссертатсияро собит менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Нахустин маротиба дар адабиётшиносии тоҷик дар диссертатсияи Одилова З.О. масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ ба таври густарда ва фарогир мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумлаи навгониҳои диссертатсия таҳқиқи масъалаҳои тарҷумаи осори адабӣ ҳамчун асоси равобити адабӣ, тарҷумаи осори адибони Фаронса дар аҳди шуравӣ ва махсусиятҳои он, ҷиҳатҳои афзали тарҷумаи осори адибони фаронсавӣ дар замони Истиқлол аз забони асл, саҳми муҳаққиқони тоҷик дар пажуҳиши илмии масоили гуногуни равобити адабии адибони тоҷик бо адибони фаронсавӣ, таъсирпазирии қаламкашони муосири тоҷик аз адабиёти Фаронса ва дигар масоили ба ҳаминҳо монанд мебошанд. Диссертант тавонистааст, ки натиҷаи пажуҳиши худро аз ин масоил ба таври муназзам ва пайдарпай ва бо далелҳои мушаххаси илмӣ пешниҳод намояд. Натиҷаҳои назарраси диссертатсия навгонии илмии онро инъикос менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дар диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна ҳамаи хулосаву тавсияҳои илмие, ки оварда шудаанд, дар заминаи асноду мадорики илмӣ асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ бо таҳлилу баррасии амиқи назариявии мавзуи мавриди назар, нуктаҳои мушаххаси методологӣ ва маводди гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтору мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ асос ёфта, ин хусусиятҳо ба пажуҳиши масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ боис гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» аз муқаддима, се боб бо фарогирии 14

фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва робитаи он бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ баён гардидааст, инчунин мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда зикр гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ муайян шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Заминаҳо ва самтҳои асосии робитаҳои адабии Тоҷикистон ва Фаронса»** унвон дорад. Диссертант масъалаҳои дар ин боб баррасишавандаро ба се фасл ҷудо намудааст. Дар ин фаслҳо масъалаҳои робитаҳои расмии Тоҷикистон ва Фаронса дар замони муосир, пешинаи таъсири фарҳангу адаби Фаронса ба ҳаёти адабию фарҳангии халқи тоҷик ва самтҳои асосии пайвандҳои адабии тоҷику фаронсавӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо Фаронса 3-юми марти соли 1992 оғоз ёфта, то ба имрӯз муваффақона идома дорад. Аз ҷумлаи ин муносибатҳо равобити фарҳангиву адабӣ аст, ки аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷониба ба ҳисоб меравад ва рӯз то рӯз рушду инкишоф меёбад.

Тибқи пажуҳиши диссертант равобити фарҳангиву адабии тоҷикон бо мардуми Фаронса собиқаи тулонӣ дошта, ҳанӯз аз замоне ки ховаршиносон ба назму насри форсӣ ошно шуданд ва ба тарҷумаи баъзе аз намунаҳои он пардохтанд, оғоз мешавад. Минбаъд, дар нимаи дувуми XIX ва ибтидои асри XX давраи ошноии тоҷикон бо фарҳангу адаби фаронсавӣ сар мешавад, ки диссертант ин равандро дар мисоли нигоштаҳои Аҳмад Махдуми Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва Пайрав Сулаймонӣ нишон додааст.

Даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон пайванди адабиву фарҳангии халқҳои ҳар ду кишварро боз ҳам мустаҳкамтар кард ва ҳамзамон, барои иртиботи судманди минбаъда заминаҳои бисёр мустаҳкаме гузошт.

Дар маҷмуъ, диссертант тавонистааст, ки дар боби аввал натиҷаҳои таҳқиқи худро вобаста ба заминаҳо ва самтҳои асосии иртиботи фарҳангиву адабии Тоҷикистону Фаронса ба таври мушаххасу мудаллал пешниҳод намояд.

Боби дувуми таҳқиқот **«Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар заминаи пажуҳишоти адабӣ»** номгузорӣ шуда, фарогири панҷ фасл аст. Дар ин фаслҳо диссертант оид ба муҳимтарин корҳое, ки дар самти робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ анҷом пазируфтаанд ва ҳамзамон, донишмандоне, ки ин корҳоро ба субут расонидаанд, маълумот дода, ҳар яке аз ин асарҳоро мавриди накду баррасӣ ва арзишдоварии илмӣ қарор додааст.

Мувофиқи натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия, дар самти таҳқиқи равобити адабии тоҷику фаронсавӣ саҳми донишмандоне, амсоли Шокир Мухтор, Ибаррури Раҷабова, Д.Ҳ. Бобоева, Д.О. Маҳмудов ва Н.С. Гадоева назаррас аст. Ин муҳаққиқон бештар ба таҳқиқи масъалаҳои тарҷумаи осори бадеии форсӣ-тоҷикӣ ба забони фаронсавӣ, таъсири адабиёти мазкур ба адибони алоҳидаи фаронсавӣ, истифодаи адибони фаронсавӣ аз сужаи достонҳои машҳури адибони форс-тоҷик ва наклу ривоятҳои шифоҳӣ машғул гардида, зимни пажуҳиши ин масоил ба масъалаи таъсиргузории адабиёти Фаронса ба адибони тоҷик низ дахл кардаанд.

Дар маҷмуъ, диссертант собит менамояд, ки иртиботи адабии тоҷику фаронсавӣ собиқаи тулонӣ дошта, гувоҳи ин иддао таҳқиқоти мутааддиде ҳастанд, ки дар ин мавзуъ таълиф ёфтаанд.

Боби савуми диссертатсияи Одилова З.О. **«Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ бар мабнои тарҷума ва таъсирпазирӣ»** унвон дошта, аз шаш фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо муаллифи диссертатсия ба пажуҳиши масъалаҳое, амсоли тарҷума ҳамчун воситаи асосии ба вуҷуд омадани робитаҳои адабӣ, тарҷумаи асарҳои адибони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар

тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

Автореферати диссертатсия мувофиқ ба меъёрҳои муайянгардида таҳия шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоию грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Ба андешаи мо, қисмати «Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда» ба такмилу бозбинӣ ниёзманд аст. Чунки ин нуктаҳо аслан, ба масъалаҳои дар боби сеюм баррасишаванда таааллуқ дошта, масоили ду боби дигарро дар бар намегиранд.

2. Ба назар мерасад, ки таваҷҷуҳи диссертант ба мавзуи таҳқиқ ӯро то андозае ба муғлақбаёнӣ ва муболиға кардан водоштааст. Барои мисол, ифодаҳое амсоли «шефтаи фарҳангу адаби Фаронса будани Аҳмади Дониш» (дисс., с.20) ё «ба адабиёти тоҷик таъсири хеле назаррас гузоштани адабиёти Фаронса» (дисс., с.11) афкори муболиғаомез буда, ба ҳақиқат мувофиқ намеоянд.

3. Мушаххасбаёнӣ, ки яке аз вижагиҳои услуби илмӣ аст, дар ҷо-ҷои диссертатсия риоя нагардидааст.

4. Дар рӯйхати адабиёти диссертатсия низ баъзе камбудҳо ба назар мерасад. Барои мисол, дар бахши «Адабиёти илмӣ» омадани «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Асарҳои мунтахаб»-и Аҳмади Дониш, «Ёдномаи Шокири Мухтор» ва баъзе асарҳои дигар саҳеҳ наменамояд.

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоиву китобат ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар манфиати кор аст.

Камбуду норасоиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Аҳмадов Сафармад Гадомадович
«11»-уми августи соли 2026.

Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи С. Раҳимов, 7/26
Тел.:(моб.) (+992) 988-15-75-81
E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru

Имзои С.Г. Аҳмадовро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода Муслиҳидин Маҳмараҷаб
«11»-уми августи соли 2026.

**Нишонӣ:** 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Тел.: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; E-mail: bqu-1978@mail.ru